# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни забон ва адабиёти тоҷик
## барои олимпиадаи ҷумҳуриявии
## фаннии хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**1 Дар кадом калимаи ҷумлаҳои зерин ҳодисаи табдили овоз дида мешавад?**

A) “... дари он ҳисорро бигшоданд ва ӯ берун омад.” “Абумуслимнома”

B) Чӣ зӯр оварад панҷаи ҷангмард,
Чу бозуи тавфиқ ёрӣ накард. Саъдии Шерозӣ

C) “... аммо аҳволи мулук мизоҷе дигар дораду алвони воқиаи мулк илоҷи дигар хоҳад.” “Бахтиёрнома”

D) “Охируламр шоҳу арӯс баъд аз шиддати бисёру машаққати бешумор ба ҳадди Кирмон расиданд.” “Бахтиёрнома”

**2 Дар мисраи дуюми байти зерин калимаҳои ҳамгуни *суд* чӣ маъно доранд:**

***Гар ба савдои бутон умр зиён кард Камол***
***В-он ки сар дар қадамат суд, саросар суд аст.?*** Камоли Хуҷандӣ

A) Маънои ҳар ду калима ҳам фоида, манфиат аст.

B) Маънои ҳар ду калима низ аз судан, ба ҳам молидани ду чиз аст.

C) Маънои калимаи аввал – фоида, манфиат ва калимаи дуюм – мақоми давлатӣ, додгоҳ.

D) Маънои калимаи аввал аз судан, ба ҳам молидани ду чиз ва калимаи дуюм, фоида ва манфиат аст.

**3 Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***“Халоиқи бисёр ҷамъ шуда, бому замини масҷидро чунон фурӯ гирифта буданд, ки агар ... .”*** С. Айнӣ. “Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”

A) ҷойи сӯзан задан набуд

B) сӯзан партоям, рост истад

C) сӯзан андозӣ, ба замин намеомад

D) сӯзанро шутур карда нишон медод

**4 Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***“Ҳукамо гуфтаанд: – Гуруснагӣ беморист дар мизоҷ ва таому шароб онро моддаи илоҷ. Нодон касе, ки худро ба ихтиёр бемор созад, то ба изтироб тимор кунад.”*** Абдураҳмони Ҷомӣ

A) илмӣ B) бадеӣ C) расмӣ D) рӯзноманигорӣ

**5 Дар ҷумлаи зерин ҳиссача кадом аст:**

***“Ман аз бисёрии фикру хаёлам ба он соя аҳамият надода, ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накардам.”***? С. Айнӣ

A) -е B) -ам C) он D) ҳам

**6 Дар байти зерин *к-иш* чӣ гуна калима аст ва чӣ маъно дорад:**

***Кист он, к-иш сари пайванди ту дар хотир нест,***
***Ё назар бо ту надорад, магараш нозир нест.?*** Саъдии Шерозӣ

A) кӯтоҳшудаи ҳиссачаи **гӯё ки** ва бандакҷонишини **-аш**, яъне **гӯё ки ӯро**

B) кӯтоҳшудаи пайвандаки **ки** ва бандакҷонишини **-аш** – **ки-аш**, яъне **ки ӯро**

C) кӯтоҳшудаи ҷонишини **кӣ** ва бандакҷонишини **-аш** – **кӣ-аш**, яъне **кӣ ӯро**

D) кӯтоҳшудаи пайвандаки **ки** ва бандакҷонишини **-аш** – **ки-аш**, яъне **касеро ки**

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зарфи миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

*“Ҳоло ҳамаи онҳо дар рӯи коғази меъморонанд ва ... дилкаш, тозаю озодаанд.”*

“Тоҷикистони советӣ”

**A)** басо **B)** қадре **C)** андак **D)** барзиёд

**8** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта пайвандаки заруриро гузоред:**

*“... гӯсоларо ба наздаш овարданд, гов ҷонибаш назаре афканду ҳуммаскунон рӯяшро гардонд.”* Фатҳуллои Азиз

**A)** ҳам **B)** чун **C)** зеро **D)** чунки

**9** **Ҷумлаи яктаркибаи муайяншахсро нишон диҳед:**

**A)** Ҳам кор кунеду ҳам хонед. Р.Ҷалил

**B)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**C)** Бинобар ин дар иҷрои ин кор бисёр эҳтиёт кардан лозим. С. Айнӣ

**D)** Мегӯянд, ки ҳуҷуми рег то деҳаи Саидато ва қӯрғони Вардонзеҳ расидааст. С. Айнӣ

**10** **Сарҷумларо муайян намоед:**

*“Достонҳо мисли дарахте, ки баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешавад, ба зевари шеър ороста мегарданд.”* С.Улуғзода

**A)** ба зевари шеър ороста мегарданд

**B)** Достонҳо мисли дарахте ба зевари шеър ороста мегарданд

**C)** ки баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешавад

**D)** Достонҳо мисли дарахте, ки баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад

**11** **Синкретизм хусусияти зотии кадом давраи адабиёти тоҷик аст?**

**A)** давраи қадим **C)** асрҳои IX-X ва XI

**B)** асрҳои VIII ва IX **D)** давраи нав

**12** **Дар кадом байт санъати талмеҳ истифода шудааст?**

**A)** Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Маро аз гиряи шабҳо нашуд ҷуз дарди сар ҳосил,
Ба хуни дил абас парвардаам ин тифли бадхӯро. Мулҳами Бухороӣ

**C)** Шоҳи туркон сухани муддаиён мешунавад,
Шарме аз мазлимаи хуни Сиёвушаш бод. Ҳофизи Шерозӣ

**D)** Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард. Амирхусрави Деҳлавӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**13** **Барҷастатарин намояндагони адабиёти арабизабони тоҷик:**

A) Фароловӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Абузироаи Ҷурҷонӣ

B) Анварии Абевардӣ, Саноии Ғазнавӣ, Сайфи Исфарангӣ

C) Ибни Муқаффаъ, Башшор ибни Бурд, Абуяъқуби Хураймӣ

D) Муҳаммад ибни Мухаллад, Маҳмуди Варроқ, Ҳанзалаи Бодғисӣ

**14** **Байти зерин кадом хусусияти шеъри асри X-ро тасвир намудааст:**

*Чу ёқут бояд сухан безиён,*

*Сабуксанг, лекин баҳояш гарон.?* Абушакури Балхӣ

A) дурустию ростии мuҳтаво

B) тасвиру маъниҳои зинда

C) лафзи хуб ва маънии осон

D) тасвирҳои заминӣ ва воқеӣ

**15** **Давоми мантиқии мисраи зеринро муайян кунед:**

*Мард бояд, ки ҳар куҷо бошад, ...* Ибни Ямин

A) Сари мӯйе зи худ наёзорад.

B) Чун наку бингарӣ, тамаъ бошад.

C) Ба майдони дониш тавоно бувад.

D) Иззати хештан нигаҳ дорад.

**16** **Арияҳои *“Ҷонона, маро ту ёр ҳастӣ ё не?”* ва *“Дарё равон аст секин-секин”* ифодакунандаи сӯзи фироқ ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳои кадом асари саҳнавии Мирзо Турсунзода аст?**

A) “Арӯс”

B) “Тоҳир ва Зӯҳро”

C) “Шӯриши Восеъ”

D) “Хусрав ва Ширин”

**17** **Мақсади устод Садриддин Айнӣ аз ин матн чист:**

*“Ҳеҷ шубҳа нест, ки инсон барои муомала кардан бо милали мухталифа, барои ҳуқуқ гирифтан аз ҳукумат, барои омезиш кардан бо хешу ақрабо, барои тарбият кардани авлод ва оила, барои пеш бурдани касбу ҳунари шахсии худ, барои таъмини маишати ҳаррӯза, хулоса барои зиндагӣ кардан дар дунё (агарчи якрӯза ҳам бошад) ба як фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст муҳтоҷ аст. Фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст пайдо намешавад инсонро, магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад, магар аз мактабу мадорис ...”?* Аз мақолаи “Танвири афкор”

A) нишон додани қудрати шеъру сухан

B) ҷашн гирифтани рӯзи матбуоти тоҷик

C) ташвиқи мардум ба хидмати халқу ватан

D) фаҳмондани аҳаммияти таълиму тарбия

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**18** **Кадом вариант маънои дурусти байтро бозгӯ мекунад:**

***Болу пари қавист туро, парзанон парӣ,***
***Ҷуз ту парӣ ба ҳеч куҷо кас надидааст.*** Ҳ. Юсуфӣ

**A)** Ту мисли паранда ҳастию болу пар дорӣ ва ба ҳар куҷо, ки мехоҳӣ, парвоз мекунӣ ва ин гуна париданро ҳеҷ касе дар олам надидааст.

**B)** Ту мисли парандаҳо ва париҳо болу пар дорию парвоз мекунӣ, аммо паридани париҳоро ҳеҷ касе дар рӯи олам надидааст.

**C)** Ишқи ман ба ту болу пари қавӣ додааст ва ту ба воситаи он ҳамроҳи парие, ки ҳеҷ кас онро дар рӯи дунё надидааст, парвоз менамоӣ.

**D)** Ту ронандаи ҳавопаймое ҳастӣ, ки болҳои пурзӯр дорад ва ба ҳар куҷое ба осонӣ парвоз мекунӣ, худат ҳам мисли фаришта зеборӯй ва париваш ҳастӣ.

**19** **Нишон диҳед, ки калимаҳои овардашуда кадом ҳиссаи нутқанд ва ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:**

*«Ин ҳуҷра ҷойи дастурӯйшӯйӣ ҳам надошт.»* С. Айнӣ

**A)** ин
**B)** ҷой
**C)** ҳуҷра
**D)** надошт

**1)** зарф, ҳол
**2)** феъл, хабар
**3)** исм, мубтадо
**4)** исм, пуркунанда
**5)** ҷонишин, муайянкунанда

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**20** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақолҳо ҳаммаъноянд?**

**A)** Саги асҳоби Каҳф рӯзе чанд
Пайи некон гирифту мардум шуд.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.
Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** Сухандони парварда пири куҳан,
Биандешад, он гаҳ бигӯяд сухан.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Ба манзил расид, он ки гӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** Ҷӯянда ёбанда аст.

**2)** Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.

**3)** Ҳар сухан сесаду шасту шаш паҳлу дорад.

**4)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ...

**5)** Аз паси ҳар гиря охир хандаест...

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дарсомонаи www.ntc.tj
Ройгон!

**21** **Аз рӯйи мазмуни порчаҳои назмию насрӣ муайян намоед, ки ҳар кадом дар чӣ хусус гуфта шудаанд:**

**A)** Оҳ, аз ин ҷинси наҷосатти-
натони зуҳдкеш,
Ҷуз ба оби теғ натвонӣ
мутаҳҳар доштан.
Тошхӯҷаи Асирӣ

**B)** Ба ҷуз шаллоқу адабчӯбу
силии устод
Аз ин ҷафокада дигар чӣ
ҳосил аст падид?
Тошхӯҷаи Асирӣ

**C)** Ҳатто чанд сол пеш аз ин, бинобар насиҳати ман, ҳукумати Бухоро рӯфтани кӯчаҳоро амр карда буд, мардуми Бухоро дилтангӣ карда мегуфтанд: “Ин кофир кӯчарӯбиро бароварда, хайру баракатро аз Бухоро парронд.”

**D)** **Мулло:** Оё мехоҳед оби ин ҳавзро нахӯрем?
**Ман:** Оби ин ҳавзро нахӯред, намегӯям; дар ин ҳавз таҳорат накунед, бинӣ наафшонед, пой нашӯед, ахлот наандозед, зеро оби ин ҳавз барои ошомидан аст, бояд покиза бошад.
Абдурауфи Фитрат

**1)** дар мазаммати ҷаҳлу нодонии хурофотпарастони Бухоро

**2)** дар мазаммати судхӯрию рибохорӣ дар Бухоро

**3)** дар мазаммати набудани вазъи хуби беҳдошт дар Бухоро

**4)** дар мазаммати мактабҳои куҳнаи Бухоро ва тарзи нодурусти таълиму тарбия дар онҳо

**5)** дар мазаммати шахсоне, ки дар Бухоро илму динро ба манфиатҳои ғаразнокашон истифода мекарданд

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## ЛУҒАТ

Маъно ё шарҳи калима ва ибораҳои ишорашударо нависед:

| № т/р | Матн | Маънои калимаю ибора ё шарҳи он |
|---|---|---|
| 1 | Ба **овард** бо ӯ басанда набуд,<br>Битобид аз ӯ рӯй, баргашт зуд.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 2 | Гар онӣ, ки бадхоҳ гӯяд, маранҷ<br>В-агар нестӣ, гӯ: "Бирав, **бод санҷ**!"<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 3 | Пашша қабул кард ва **фавҷ**е аз пашшагон биёмаданд ва чашми ӯ бо неши худ реш карданд.<br>Муҳаммад Авфии Бухороӣ | |
| 4 | Ҳар ғуломy ҳар канизакро зи **ҷуд**,<br>Гуфт: "Баҳри ту чӣ орам, гӯй зуд"<br>Ҷалолиддини Балхӣ | |
| 5 | Ҷаҳон **вежа кардам** зи **патёра**ҳо,<br>Басе шаҳр кардам, басе бораҳо.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 6 | | |
| 7 | Хирадмандони карим мол бар дӯстон гуморанд ва бехирадони **лаим** аз барои душманон бигузоранд.<br>Абдураҳмони Ҷомӣ | |
| 8 | Аммо ту ба хештан машғул ҳамебош ва лахте **даранг** ҳамекун.<br>Унсурулмаолии Кайковус | |
| 9 | Навишта чунин будамон аз **бавиш**,<br>Ба расми бавиш-андар омад равиш.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 10 | Яке мард бинӣ чу сарви саҳӣ,<br>Ба дидор бо зебу бо **фарраҳӣ**.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 11 | Чу огоҳ шуд духтари Гаждаҳам,<br>Ки **солор**и он анҷуман гашт кам.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 12 | Қисса вогуфту **ҳадис**и аждаҳо,<br>Гуфт: Бар хирсе манеҳ дил, аблаҳо!<br>Ҷалолиддини Балхӣ | |
| 13 | Азизи ман, то пои талаб ба хорзори **тааб** маҷруҳ нагардад, дасти висол ба гиребони гули мақсуд нарасад. Самандархоҷаи Тирмизӣ | |
| 14 | Гаҳ сулҳ мекунӣ ту ба чӯпону гоҳ ҷанг,<br>**Гургошти**ст кори ту пайваста бо шубон.<br>Сайидои Насафӣ | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

<table>
<tr><th>№ т/р</th><th>Матн</th><th>Маънои калимаю ибора ё шарҳи он</th></tr>
<tr><td>15</td><td>Ман аз бемуродӣ наям рӯйзард,<br>Ғами бемуродон рухам зард кард.<br>Саъдии Шерозӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>16</td><td>Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,<br>К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.<br>Ҷалолиддини Балхӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>17</td><td rowspan="2">Ӯ шаҳриёре, ман хоксоре,<br>Ӯ подшоҳе, ман бенавое.<br>Абрӯкамоне, нозукмиёне,<br>Номеҳрубоне, шанге, дағое.<br>Убайди Зоконӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>18</td><td></td></tr>
<tr><td>19</td><td rowspan="2">Рӯзе дар маҷлисе, ки ҷамъе аз занони акобиру аъён ҳозир буданд, келинбиккаи баландҳиккаро зиён гирифт. Абдулқодирхоҷаи Савдо</td><td></td></tr>
<tr><td>20</td><td></td></tr>
</table>

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## МАВЗӮЪҲОИ ИНШО

1) Ситоиши хирад ва тарғиби илму дониш дар “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ
2) Мавзӯи инсонпарварию башардӯстӣ дар осори Саъдии Шерозӣ
3) Масъалаи худогоҳии миллӣ ва ору номуси ватандорӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ
4) Мавзӯи шуҷоату мардонагӣ ва озодихоҳӣ дар романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода.
5) Аз техникаю технологияи нав чӣ гуна истифода бояд бурд?
6) Шахсият чист ва инсони комил кист?

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj